**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Зарифзода Ш.И. ба масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ бахшида шуда, дар он мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо, нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар низоми ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад. Мубрамии мавзуъ бо маҷмуи омилҳое, ки бо мақоми баланди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар низоми мақомоти давлатӣ, саҳми фармонҳои ӯ дар таъмини сулҳу суботи ҷомеа, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ алоқамандaнд, собит мегардад.

Таҷрибаи соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳи тоҷикон, ба эътидол овардани вазъияти мураккаби сиёсию ҳарбӣ дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ, рушди босуръати ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши ҳалкунанда доранд. Аз ин хотир, таҳқиқи мавзуи интихобшуда аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмӣ-методологии мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши онҳо дар рушди низоми ҳуқуқии миллӣ ташкил медиҳад. Дар доираи мақсади зикршуда як қатор вазифаҳо гузошта мешаванд, бо таҳлили паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия, аз ҷумла таҳлили эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон, нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва дар рушди ҳаёти ҷомеа алоқамандaнд.

Сохтори диссертатсия дар доираи мақсад ва вазифаҳо интихоб шуда, дар доираи се боб мафҳуми умумии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар робита бо мафҳуми

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо дарназардошти хусусиятҳои асосии он, нақши фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди ҷомеа таҳқиқ мешаванд.

Мақсад, вазифаҳо ва сохтори диссертатсия имконият доданд, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи интихобшуда дар доираи усулҳои умуминазариявӣ таҳлил карда шаванд. Ҳолатҳои зикршуда ба пешниҳоди диссертатсия ҳамчун кори илмии тахассусии анҷомёфта мусоидат намуданд.

Дар диссертатсия ақидаҳо, хулосаҳо ва таклифҳои амалии Зарифзода Ш.И., ки аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд, пешниҳод мешаванд. Нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар муқоиса бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигари илмӣ дар ин соҳа навгонии илмӣ доранд. Онҳо аҳаммияти назариявии методологӣ ва амалии сиёсӣ дошта, ба такмили минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мусоидат менамоянд.

Таҳили муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки аз ҷониби муаллиф кори мукаммали илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои он ба такмили қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мусоидат менамоянд. Ҳамзамон бо ин, баъзе андешаҳои ҷузъии мубоҳисавӣ ба назар мерасанд, ки нисбати онҳо изҳори назари муаллиф ба манфиати кор мебошад.

Чунончи, дар банди 2 нуктаҳои илмӣ қайд карда мешавад, ки «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли мақоми баланди иҷтимой-ҳуқуқии худ дар давлат, ҳамчунин, дар робита бо амалӣ намудани «қувваи нарм» ба ягон шохаи анъанавии ҳокимият дохил намешавад». Ин ақида илман баҳсталаб аст, чунки таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар м. 9 Конститутсияи Тоҷикистон расман мустаҳкам карда шуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шохаи ҳокимияти иҷроия дохил мешавад. Вобаста ба ин, муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ андешаи худро баён намояд.

Эроди зикршуда аз лиҳози илмӣ баҳснок буда, аҳаммияти мусбии диссертатсияро халалдор намекунад.

Автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури маркази низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия,

автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва бандҳои 54, 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

Диссертатсия дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Зарифзода Шоҳрух Иззатулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

**Муқарриз:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ. С

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
Тел.: +992909050303 Е-майл: hukmiddih-1981@mail.ru

**Имзои Сафарбекзода Ҳ. С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
«06» 02 2026 Нажмудинов М.М.